/

Ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-068-и назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ (Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734003, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдаки, 121)

**Тақриз**

**ба автореферати диссертатсияи Ғафорова Таҳмина Сатторовна дар мавзуи «Воситаҳои забонии тасвири бадеӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (дар асоси «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ пешниҳод шудааст.**

Воситаҳои забонии тасвири бадеӣ воситаҳои забон буда, сухани рангини нависандаро ба хонанда пурра баён мекунад. Воситаҳои забонии тасвири бадеӣ дар осори Садриддин Айнӣ мавқеи муҳим доранд, зеро истифодабарии онҳо касбият ва зеҳнияти волои нависандаро ба таври назаррас нишон медиҳанд. Воситаҳои забонии тасвири бадеӣ дар осори Садриддин Айнӣ ба чанд навъ истифода шудаанд. Навъҳои воситаҳои забонии тасвири бадеӣ бо таҳлилҳои лексикӣ, морфологӣ ва синтаксисӣ ба даст меоянд. Мушаххасоти чунин навъи воситаҳои забонии тасвири бадеӣ арзиш ва ҷаззобияти осорро баланд менамояд. Ин гуна воситаҳои забонии тасвирии бадеӣ дар забоншиносии муосир бо ному истилоҳоти мухталиф ифода меёбанд ва онҳо чун маҷоз, троп, перифраза ва ҳамчунин эвфемизмҳо унвон гирифтаанд.

Дар рисола муҳаққиқ воситаҳои забонии тасвири бадеии осори Садриддин Айниро бо назардошти муқоисаи тарҷумаи онҳо дар забони англисӣ меҳвари асосии таҳқиқ ҳисобидааст. Дар ин замина шаклҳои гуногуни вожаҳои аслии тоҷикӣ, калимаҳои иқтибосии забони русӣ ва ӯзбекӣ барои ҷаззобтар нишон додани воситаҳои забонии тасвири бадеӣ муфассал таҳқиқ шудааст.

Вижагиҳои воситаҳои забонии тасвири бадеӣ дар асоси осори бузургони гуногуни адабиёти тоҷик бештар дар илми адабиётшиносӣ ҳаллу фасл гардидааст. Дар илми забоншиносии тоҷик бошад, вобаста ба воситаҳои забонии тасвири бадеӣ дар асоси осори адибони адабиёти тоҷик баъзе

масъалагузориҳо дар корҳои илмии самтҳои гуногун вуҷуд дораду халос. Ба ин радиф рисолаи илмии забоншинос М. Саломов дохил мешавад, ки танҳо як навъи воситаи забонии тасвири бадеӣ, яъне маҷозро ба таври хеле густурда ва амиқ дар сатҳи баланди илмӣ мавриди пажӯҳиш қарор додааст. Дар таҳқиқти худ муаллиф аз методи таҳлили хронологӣ, таҳлили луғавию маъноӣ, таҳлили сохторӣ, методи таҳқиқи типологӣ, муқоисавии таърихӣ ва методи муқобалаӣ мавриди истифода қарор дода шудааст. Дар рафти омӯзиши воситаҳои забонии тасвири бадеӣ усули таҳлили матн, таҳлили ҷузъҳои таркибӣ ва таҳлили услубӣ низ истифода бурда шудааст. Нуктаҳои асосии таҳқиқоти диссертатснонӣ дар доираи 8 мақола дар маҷаллаҳои илмӣ, аз ҷумла 7 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расидаанд. Таҳқиқоти мавриди назар аз рӯйхати ихтисораҳо, муқаддима, 3 боб, хулоса, рӯйхати адабиёт ва замима иборат мебошад. Дар муқаддима аҳамият ва мубрамии мавзӯъ асоснок карда шуда, оид ба дараҷаи омӯзиши мавзӯъ, мухтаво ва вазифаи таҳқиқ, навигарии таҳқиқ, аҳамияти назариявӣ ва амалии диссертатсия маълумот дода шудааст. Боби аввали таҳқиқот “Заминаҳои назариявии воситаҳои забонии тасвири бадеӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ” унвон дошта, аз 2 фасл иборат аст, ки дар онҳо масъалаҳои назариявии таснифоти воситаҳои забони тасвири бадеӣ баррасӣ гардидаанд. Боби дуввуми рисола “Вижагиҳои лексикӣ ва грамматикии воситаҳои забонии тасвири бадеӣ дар “Ёддоштҳои”-и С. Айнӣ” унвон дошта, таҳлили вижагиҳои лексикӣ ва грамматикии воситаҳои забонии тасвири бадеӣ дар осори С. Айниро дар бар гирифта, аз се фасл иборат аст. Боби сеюм “Воситаҳои забонии тасвири бадеӣ дар «Ёддоштҳо»-и С. Айнӣ ва тарҷумаи он дар забони англисӣ” унвон дошта, дар он ҷойгоҳи воситаҳои забони тасвирии бадеӣ дар «Ёддоштҳо»-и С. Айнӣ ва тарҷумаи онҳо нишон дода шудааст. Инчунин, дар боби мазкур масъалаҳои тарҷумаи воситаҳои забони тасвири бадеӣ дар «Ёддоштҳо»-и С. Айнӣ ва вижагиҳои воситаҳои забонии тасвири бадеӣ дар «Ёддоштҳо»-и С. Айнӣ ва тарҷумаи онҳо ба

забони англисӣ баррасӣ гардидаанд. Муҳаққиқ андешаҳо ва хулосаҳои худро дар ҳаҷми 8 банд натиҷагирӣ намудааст.

Дар баробари дастовардҳои назаррас ба баъзе нуктаҳо мехостем, ишора намоем, ки ислоҳи онҳо аз манфиат холӣ нестанд:

1. Унвоҷӯй дар муқаддима ба манбаъҳои илмии гуногун ишора намояд ҳам дар муҳтавои таҳқиқ аз он манбаъҳои арзишманд камтар истифода намудааст.

2. Дар саҳифаҳои автореферат, дар матни гунаҳои забони тоҷикӣ ва русии он ғалатҳои имлоӣ ва услубӣ ба назар мерасанд.

Дар умум, автореферати диссертатсия пурмазмун ва дар сатҳи илмӣ таълиф гардидааст, новобаста аз ин, дар он норасоиҳои имлоиву техникӣ ва услубӣ ба назар мерасанд. Ин камбудиҳо қиммати илмии таҳқиқотро коста намекунанд ва онҳо ислоҳпазир буда, дар коркард ва ба инобат гирифтани фаъолияти минбаъда пешниҳод карда мешаванд. Зикр кардан ба маврид аст, ки автореферати диссертатсияи Ғафорова Таҳмина Сатторовна дар мавзуи «Воситаҳои забонии тасвири бадеӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (дар асоси «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ)» ба талаботи бандҳои 31-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфт намудани дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ мебошад.

**Муқарриз:**
**Доктори фалсафа (Phd) аз рӯйи ихтисоси “Забоншиносӣ”,**
**муаллими калони кафедраи забонҳои хориҷии**
**Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории**
**Тоҷикистон** **Парвоева Нурҷаҳон Зармастовна**

**Имзои Парвоева Нурҷаҳон Зармастовнаро тасдиқ мекунам:**
**Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси**
**Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории**
**Тоҷикистон** **Ҷураев Ш.Н.**

28.11.2023

**Суроға:** 734055, Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Борбад 48/5
Телефон: (+992)93-100 91 90
Email: nurjahon-0590@mail.ru